Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёхи ва сохибкории Тоҷикистон (734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Почтаи электронӣ: info@iutet.tj. телефони котиби илмӣ: (+992) 907755666

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич ба диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.

Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-063 дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёхи ва сохибкории Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси 5.2. - Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, бандҳои 1. – Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ; 3. – Конуният ва тамоили рушди сохибкори дар шароити муосир; 8. – Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 10. – Ҳолат ва дурнамои низомҳои байналмилалӣ; 15. - Ташаккул ва рушди фазои мусоиди соҳибкорӣ; 18. - Маблағгузорӣ дар пешбурди самараноки фаъолияти соҳибкорӣ; 19. – Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ; 20. – Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Рушди соҳибкорӣ яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, қонеъ гардонидани талаботи бозор ва неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ, ҳалли масъалаҳои бекорӣ, камбизоатӣ ва шуғли меҳнат мебошад.

Иқтисоди бозаргонӣ муносибатҳои сифатан ва мазмунан нави иқтисодию ҳуқуқиро ба вуҷуд овард, ки ба сохти хоҷагидории мамлакат дахл доранд. Имрӯз симои асосӣ ва пешбарандаи низоми хоҷагидорӣ соҳибкорӣ башумор меравад. Муайян кардани мавқеъ ва нақши фазои мусоиди соҳибкорон дар муносибатҳои иқтисодӣ-ҳуқуқӣ, вазъи ҳуқуқии корхонаҳои тиҷоратӣ, маҷмӯи ҳуқуқҳои молу мулки соҳибкорон ва даҳҳо мавзӯъҳо аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд. Омӯзиш таҳлил ва натиҷагирӣ аз раванди амалӣ шудани рушди соҳибкории саноатӣ барои ба

самти муайян равона шудани фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калонро соҳиб аст. Инчунин боиси қайд аст, ки рақамикунонии иқтисодиёт мазмун ва воситаҳои ин равандро тағйир медиҳад. Технологияҳои рақамӣ ба корхона имкон медиҳанд, ки ҳаракати ашёи хом ва маҳсулотро назорат намояд, равандҳои истеҳсолиро ҳамоҳанг созад, сифати маҳсулотро устувор нигоҳ дорад ва муносибатро бо харидорон ва таъминкунандагон мустаҳкам кунад.

Дар баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 28 декабри соли 2024 чунин қайд намудаанд: "... Чихати вусъат бахшидан ба равандхои инноватсиони ва истифодаи хамачонибаи имкониятхои технологияхои раками дар китисодиёт пешниход менамоям, ки солхои 2025-2030 "Солхои рушди иктисоди ракми ва инноватсия" эълон карда шаванд"

Муаллиф қайд менамояд, ки маҳз вилояти Хатлон барои таҳқиқи масъалаи мазкур дорои аҳаммияти махсус мебошад. Минтақаи мазкур захираҳои васеи маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хом, иқтидори меҳнатӣ, имконияти рушди саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, масолеҳи сохтмон, энергетика ва коркарди маҳсулоти маҳаллиро доро мебошад. Инчунин дурии як қисми корхонаҳо аз бозорҳои бузург, харoҷоти логистикӣ, маҳдудияти хизматрасониҳои озмоишгоҳӣ ва стандартонӣ, камбудии маблағгузории дарозмуддат ва нобаробарии дастрасии рақамӣ суръати табдил ёфтани ин имкониятҳоро ба натиҷаи иқтисодӣ коҳиш додаанд.

Дар тадқиқоти илмии пешниҳодшуда қайд карда шудааст, ки бо вуҷуди дастоварду пешравиҳои ноилшуда ва таҳлилҳои гузаронидашуда, омили мазкур ҳоло ҳам ба талаботи муосири фаъолият ва рушди соҳибкории саноатӣ дар мамлакат қонеъкунанда намебошад. Мафҳуми ягонаи рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонӣ, меъёрҳои омодагии рақамии корхона, тартиби интихоби лоиҳаҳои афзалиятнок, механизми ҳамоҳангсозии дастгирии давлатӣ ва модели сенариявии ба нишондиҳандаҳо асосёфта барои вилояти Хатлон ба таҳқиқи иловагӣ ниёз дошта, андешидани тадбирҳои мушаххасро талаб менамояд. Омилҳои қайдкардашуда интихоби мавзуъ, мақсад ва мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро муаяйн намудааст.

Ҳамин тавр, таҳлилҳо нишон доданд, ки қисми зиеди методикаҳои мавҷуда барои корхонаҳои дорои баҳисобгирии мукаммал, инфрасохтори устувор ва бозори васеи хизматраосниҳои рақамӣ таҳия шудаанд. Дар рисолаи диссертатсионӣ баҳодиҳии омодагӣ аз баҳодиҳии самара ҷудо карда шуда, аввал ҳолати ибтидоӣ муайян карда шуда, баъд ҳалли маҳдуд дар шароити лоиҳаи озмоиши татбиқ ва танҳо пас аз муқоисаи нишондиҳандаҳо қарор қабул карда мешавад, қайд шудааст. Ҳамаи ин гуфтаҳо мубрамии мавзуи диссертатсиониро собит менамоянд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст

Навгонии илмии таҳқиқот ҳалли масъалаҳои илмӣ, методӣ ва амалии рушди соҳибкории саноатӣ дар мамлакат бударо арзёбӣ мекунад. Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб мераванд:

1. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва методии омухта шудани мафҳуми соҳибкории саноатӣ дар низоми иқтисоди бозорӣ ҳамчун фаъолияти мустақилона, ташаббускорона ва таваккалкоронаи иқтисодӣ як омили калидии рушди иқтисоди миллӣ такмил дода шудааст, ки сармоя, меҳнат, дониш ва технологияро барои ташкил ва навсозии истеҳсолот истифода бурда, ба даст овардани натиҷаи устувори иқтисодию иҷтимоӣ муттаҳид намояд.

2. Таҷрибаи ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ дар шароитҳои мавҷуда барои пешрафти Индекси омодагии рақамӣ аз рӯйи панҷ ҷузъи баробарвазн – инфрасохтор, ҳамгироии равандҳо, сармояи инсонӣ, додаҳо ва амният, инчунин самараи андозшаванда бояд амалӣ гардад.

3. Дар вилояти Хатлон механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ такмил дода шуда, Маркази лоиҳавии рушди саноати рақамӣ, феҳрист ва шиносномаи рақамии корхона, гурӯҳҳои соҳавӣ, маркази хизматрасонии муштарак, равзанаи маблағгузории таҷдиди рақамӣ, маблағгузории марҳилавӣ ва панели нишондиҳандаҳои натиҷаро ба як давра муттаҳид менамояд, ташкил карда шудааст.

4. Заминаҳои рушди фазои мусоиди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самтҳои афзалиятноки асоснок ба ҳисоб рафта, истифода аз модели сенариявии дурнамои рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030 таҳия гардидааст, ки сенарияҳо интерсионӣ, таҷдиди мақсаднок ва рақамикунонии босуръатро аз рӯйи ҳаҷми маҳсулот, шумораи корхонаҳо, ҳиссаи саноати коркард, маҳсулот ба як корхона ва омодагии рақамӣ муқоиса намуда, шартҳои гузариш, таҳлил ва пешгӯии идоракуниро муқаррар менамояд.

Сохтор ва мундариҷаи кор

Мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба мақсад ва вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи таҳқиқоти илмиаш муайян кардааст, мувофиқат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркарднамудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ асоснокқардашуда ва дақиқ мебошанд, зеро онҳо ба асосҳои методологӣ, назариявӣ ва маълумот дар бораи робитаи фароҳамсозии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити ракамикунонии иқтисодиёт такя менамоянд.

Диссертатсияи мазкур яке аз таҳқиқотҳои илмии нахустин буда, дар сатҳи рушди соҳибкориии саноатӣ дар шароити иқтисодиёти ракмикунонии мамлакат, хусусан дар низоми иқтисодии ноустувор ба вазъи фазои соҳибкорӣ вобастагии мустақим дошта, фаро гирифтааст.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт аз 140 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 178 саҳифа дарҷ гардида, 22 расм ва 49 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи рисола бамавридии мавзуи таҳқиқшаванда заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва таҷрибавӣ, мавзуъ ва объекти омӯзиш, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, саҳми шахсии довталаб оид ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар расмиёти муайяншуда ва ҳимояшаванда қайд гардидааст. Ин бахши рисола аз дуруст ба расмиятдарории равандҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Дар боби якум — «Асосҳои илмию назариявии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (саҳ. 17–65) — масъалаҳои моҳияти илмӣ ва назариявии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба рушди соҳибкории саноатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар диссертатсия масъалаҳои илмию назариявии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифта, моҳияти иқтисодии соҳибкории саноатӣ, хусусиятҳои рушди он ва нақши технологияҳои рақамӣ дар такмили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамзамон, омилҳо ва принсипҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муайян гардида, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст.

Дар диссертатсия асосҳои илмию назариявии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифта, моҳият, мазмун ва нақши он дар таъмини рушди устувор ва саноатикунонии иқтисоди миллӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Дар ин замина, муаллиф хусусиятҳои рушди соҳибкории саноатӣ, омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва аҳамияти онҳо дар ташаккули сохтори муосири иқтисоди миллиро муайян намуда, ҳамзамон, рақамикунонии иқтисодиётро ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, тақвияти рақобатпазирии корхонаҳо, такмили равандҳои идоракунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки дар кишварҳои гуногун барои

рушди соҳибкории саноатӣ маҷмӯи механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ истифода бурда мешаванд. Асоснок гардидааст, ки дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ метавонад тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, қарзҳои имтиёзнок, субсидияҳо, грантҳо, дастгирии иттилоотиву машваратӣ ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ амалӣ карда шавад. Истифодаи чунин механизмҳо ба баланд гардидани фаъолияти истеҳсолӣ, беҳтар шудани истифодаи захираҳои маҳаллӣ, густариши имкониятҳои истеҳсолӣ ва рушди соҳибкории саноатӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро оид ба рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими такмили низоми ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ арзёбӣ намуда, асоснок менамояд, ки истифодаи таҷрибаи пешқадам бояд бо дарназардошти шароити иқтисодӣ, захираҳои истеҳсолӣ ва хусусиятҳои минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шавад. Муайян гардидааст, ки ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ, дастгирии молиявию инфрасохтории корхонаҳо, инчунин истифодаи технологияҳои рақамӣ ва механизмҳои муосири идоракунӣ метавонад ба баланд гардидани самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва устувории фаъолияти соҳибкории саноатӣ мусоидат намояд.

Дар хулосаи боби аввал асосҳои назариявию методологии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҷамъбаст гардида, моҳият ва нақши соҳибкории саноатӣ дар таъмини рушди устувор ва саноатикунонии иқтисоди миллӣ, инчунин омилҳо ва принсипҳои асосии рушди он муайян карда шудаанд. Ҳамчунин, таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ба фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ таҳлил гардида, аҳамияти истифодаи механизмҳои самараноки идоракунӣ, ҷойгиркунии истеҳсолот ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ҳамчун омилҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ, густариши имкониятҳои рақобатпазирӣ ва рушди устувори соҳибкории саноатӣ асоснок карда шудааст.

Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъи муосири рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар вилояти Хатлон» (саҳ. 66–113) – унвонҷӯ вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди соҳибкории саноатиро дар вилояти Хатлон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, динамикаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва таъсири равандҳои рақамикунониро ба самаранокӣ ва рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон, омилҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ, имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ, мушкилоти мавҷуда ва захираҳои дохилии минтақа барои густариши фаъолияти истеҳсолӣ муайян карда шуда, иқтидори иқтисодии вилояти

Хатлон барои рушди истеҳсолоти саноатӣ ва ҷойгиркунии корхонаҳои соҳибкории саноатӣ мушаххас карда шудааст.

Дар зербоби 2.1. – «Арзёбии вазъи кунунии рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон» (саҳ. 66–81) вазъи муосир, тамоюлҳо ва хусусиятҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва имкониятҳои мавҷудаи истеҳсолии минтақа арзёбӣ гардидааст. Дар ин замина, шумораи корхонаҳои саноатӣ, ҳаҷм ва сохтори истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, инчунин мавқеи соҳибкории саноатӣ дар рушди иқтисодии минтақа дар асоси маълумоти оморӣ таҳқиқ карда шудаанд. Аз ҷумла, дар ҷадвали 2.1 – «Сохтори истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ–декабри солҳои 2024–2025» (саҳ. 66) тағйироти ҳаҷм ва сохтори истеҳсолоти саноатӣ таҳлил гардида, тамоюлҳои асосии рушди соҳа муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар ҷадвали 2.2 – «Муқоисаи мавқеи саноатии минтақаҳои Тоҷикистон дар моҳҳои январ–декабри соли 2025» (саҳ. 68) мавқеъ ва саҳми вилояти Хатлон дар сохтори истеҳсолоти саноатии кишвар дар муқоиса бо дигар минтақаҳо арзёбӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳлил барои муайян намудани ҷойгоҳи саноатии вилоят, ошкор сохтани имкониятҳои мавҷуда ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ заминаи таҳлилӣ фароҳам овардаанд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф бо дарназардошти захираҳои иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва хусусиятҳои минтақавии вилояти Хатлон имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳибкории саноатӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва баланд бардоштани саҳми корхонаҳои саноатиро дар таъмини рушди устувор ва саноатикунонии иқтисоди миллӣ асоснок намудааст.

Дар зербоби 2.2. – «Таҳлили сатҳ ва самаранокии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ» (саҳ. 83–98) сатҳи истифодаи технологияҳои рақамӣ, хусусиятҳои татбиқи онҳо ва нақши воситаҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар ин замина, имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии равандҳои истеҳсолӣ, ташкили баҳисобгирӣ, таъминоти иттилоотӣ, назорати сифати маҳсулот ва такмили робитаҳои истеҳсолию иқтисодӣ баррасӣ гардида, аҳаммияти онҳо дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷот ва тақвияти рақобатпазирии корхонаҳо арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, дар расми 2.4 – «Модели бисёрқабатаи арзёбии рақамикунонии корхонаи саноатӣ» (саҳ. 83) низоми арзёбии сатҳи рақамикунонии корхонаҳо дар асоси унсурҳо ва самтҳои асосии татбиқи технологияҳои рақамӣ инъикос ёфтааст. Муаллиф такид менамояд,ки модели

мазкур барои муайян намудани сатҳи фарогирии равандҳои истеҳсолию идоракунӣ бо воситаҳои рақамӣ ва арзёбии омодагии корхонаҳо ба гузариш ба шаклҳои муосири ташкили фаъолияти истеҳсолӣ аҳаммияти методологӣ дорад. Ҳамзамон, бо мақсади арзёбии заминаи инфрасохтории рақамикунонии фаъолияти соҳибкорӣ, дар ҷадвали 2.11 – «Динамикаи инфрасохтори пардохти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» (саҳ. 83) тағйирот ва тамоюлҳои рушди воситаҳои пардохти рақамӣ таҳлил гардида, нақши онҳо дар ташаккули муҳити мусоиди рақамӣ барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ муайян карда шудааст. Таҳлили мазкур аҳаммияти рушди инфрасохтори пардохтҳои рақамиро дар густариши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, суръатбахшии амалиёти молиявӣ ва такмили робитаҳои иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ нишон медиҳад. Муаллиф дар таҳқиқоти худ, дар ҷадвали 2.12 – «Зинаҳои рушд ё камолоти рақамии корхонаи саноатӣ» (саҳ. 85) марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди иқтидори рақамии корхонаҳо, аз сатҳи ибтидоии истифодаи технологияҳои рақамӣ то марҳилаҳои пешрафтаи ҳамгироии онҳо ба равандҳои истеҳсолӣ ва идоракуниро муайян намуда, такид менамояд, ин равиш имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии корхонаҳо ба дигаргунсозии рақамӣ арзёбӣ гардида, самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти онҳо муайян карда шаванд.

Муаллиф дар ҷадвали 2.13 – «Афзалиятҳои рақамикунонӣ аз рӯйи зерсоҳаҳои саноати Хатлон» (саҳ. 86) имкониятҳои истифодаи технологияҳои рақамиро бо дарназардошти хусусиятҳои истеҳсолӣ ва технологияи фаъолияти зерсоҳаҳои саноатӣ баррасӣ намуда, самтҳои афзалиятноки татбиқи онҳоро муайян кардааст. Чунин муносибат барои ба назар гирифтани хусусиятҳои соҳавӣ ҳангоми интихоби воситаҳои рақамӣ, муайян намудани эҳтиёҷоти технологии корхонаҳо ва истифодаи самараноки захираҳои молиявию истеҳсолӣ замина фароҳам меорад. Илова бар ин, дар расми 2.6 – «Модели ташхис ва навъи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Хатлон» (саҳ. 98) модели гурӯҳбандии корхонаҳо аз рӯйи сатҳи омодагӣ ва дараҷаи рақамикунонӣ пешниҳод гардида, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо ва имкониятҳои гузариш ба марҳилаҳои пешрафтаи рушди рақамӣ инъикос ёфтаанд. Истифодаи чунин модел барои ташхиси вазъи рақамии корхонаҳо, муайян намудани маҳдудиятҳои мавҷуда ва асоснок кардани чораҳои мақсадноки такмили фаъолияти истеҳсолию идоракунӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

Дар хулоса, натиҷаҳои таҳқиқоти зербоби мазкур нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ омили муҳими такмили идоракунӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва таҳкими рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мебошад. Муаллиф асоснок намудааст, ки истифодаи мақсадноки воситаҳои рақамӣ дар ҳамбастагӣ бо рушди инфрасохтори технологӣ, баланд

бардоштани малакаи рақамии кормандон ва такмили механизмҳои идоракунӣ метавонад ба истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолии корхонаҳо, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва таъмини рушди устувори он дар вилояти Хатлон мусоидат намояд.

Дар зербоби 2.3. – «Омилҳо ва мушкилоти рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (саҳ. 98–113) омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон ва мушкилоти татбиқи равандҳои рақамикунонӣ дар фаъолияти корхонаҳо таҳлилу арзёбӣ гардидаанд. Дар ин замина, таъсири омилҳои иқтисодӣ, молиявӣ, технологӣ, кадрӣ ва институтсионалӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин маҳдудиятҳои марбут ба дастрасӣ ба маблағгузорӣ, инфрасохтори рақамӣ, технологияҳои муосир ва мутахассисони соҳибихтисос мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба натиҷаҳои таҳлил имкониятҳои истифодаи захираҳои дохилӣ, такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ, густариши инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии кадрҳоро ҳамчун самтҳои муҳими бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва таъмини рушди соҳибкории саноатӣ асоснок намудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувор ва суръатбахшии саноатикунонии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд, истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолии вилояти Хатлон, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, такмили низоми идоракунии корхонаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодию институтсионалӣ метавонанд ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат, коҳиш ёфтани хароҷот ва тақвияти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат намоянд. Ҳамзамон, бартараф намудани монеаҳои молиявию технологӣ ва рушди иқтидори кадрӣ барои васеъ намудани имкониятҳои соҳибкории саноатӣ ва таҳкими заминаҳои иқтисодии рушди минтақа аҳаммияти махсус дорад.

Дар боби сеюм – «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» (саҳ. 114–156) масъалаҳои марбут ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодӣ ва институтсионалии фаъолияти соҳибкорӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ, тақвияти дастгирии давлатӣ ва дурнамои рушди соҳа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар ин замина, бо такя ба натиҷаҳои таҳлили вазъи муосири соҳибкории саноатӣ ва мушкилоти мавҷуда, пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои рушди соҳа ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳия ва асоснок карда шудаанд.

Дар зербоби 3.1 – «Самтҳои афзалиятноки такмили механизми рушди соҳибкории саноатӣ дар асоси технологияҳои рақамӣ» самтҳои асосии такмили механизми рушди соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ муайян ва асоснок гардидаанд. Аз ҷумла, дар расми 3.1 – «Сохтори консептуалии механизми рушди соҳибкории саноатӣ» (саҳ. 115) унсурҳои таркибии механизм ва робитаҳои мутақобилаи байни онҳо муайян карда шуда, дар расми 3.2 – «Тарҳи институтсионалии механизми минтақавӣ» (саҳ. 116) низоми ҳамкории институтҳои давлатӣ, субъектҳои соҳибкорӣ ва сохторҳои инфрасохторӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, дар ҷадвали 3.3 – «Харитаи кластерҳои афзалиятноки саноатии Хатлон» (саҳ. 120) самтҳои афзалиятноки ташаккули кластерҳои саноатӣ муайян гардида, дар расми 3.3 – «Механизми рушди рақамии соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон» (саҳ. 125) робитаи унсурҳои институтсионалӣ, технологӣ, молиявӣ ва истеҳсолӣ дар низоми рушди рақамии соҳибкории саноатӣ пешниҳод шудааст. Натиҷаҳои мазкур барои асоснок намудани равиши маҷмӯӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ, густариши ҳамкории байни субъектҳои иқтисодӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

Дар зербоби 3.2 – «Такмили воситаҳои давлатӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» масъалаҳои такмили сиёсати дастгирии давлатӣ ва таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти талаботи иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар расми 3.4 – «Мантиқи дахолати давлатӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ» (саҳ. 130) самтҳои асосии таъсири танзимкунандаи давлат ба рушди соҳибкорӣ ва рақамикунонии фаъолияти корхонаҳо муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар ҷадвали 3.8 – «Тарҳи ҳадафноки воситаҳои андозию танзимӣ» (саҳ. 135) воситаҳои асосии такмили сиёсати андозию танзимӣ баррасӣ гардида, имкониятҳои истифодаи онҳо барои ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ арзёбӣ шудаанд. Муаллиф бо ин васила зарурати такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ, ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва истифодаи воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардониро ҳамчун омилҳои муҳими рушди соҳибкории саноатӣ асоснок намудааст.

Дар зербоби 3.3 – «Моделсозии сенариявӣ ва дурнамои рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» дар асоси натиҷаҳои таҳлили вазъи мавҷуда ва механизмҳои такмили рушди соҳа сенарияҳои эҳтимолии рушди соҳибкории саноатӣ таҳия гардида, дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти саноатӣ арзёбӣ шудааст. Аз ҷумла, дар ҷадвали 3.10 – «Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии саноати вилояти Хатлон» (саҳ. 143) тамоюлҳои тағйирёбии

нишондиҳандаҳои асосии соҳа таҳлил гардида, натиҷаҳои бадастомада ҳамчун заминаи иттилоотию таҳлилӣ барои моделсозии сенариявӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон, дар ҷадвали 3.12 – «Дурнамои ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи сенарияҳо» (саҳ. 147) нишондиҳандаҳои эҳтимолии рушди истеҳсолоти саноатӣ дар доираи сенарияҳои таҳияшуда арзёбӣ гардидаанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки тамоюлҳои эҳтимолии рушди соҳа муайян карда шуда, имкониятҳои афзоиши истеҳсолот ва нақши рақамикунонӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ асоснок карда шаванд.

Дар хулосаи боби сеюм самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҷамъбаст гардида, зарурати такмили механизмҳои ташкилию иқтисодӣ, густариши кластерҳои саноатӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва такмили воситаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, дар асоси моделсозии сенариявӣ дурнамои рушди истеҳсолоти саноатӣ арзёбӣ гардида, аҳаммияти татбиқи пешниҳодҳои таҳияшуда дар баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ муайян карда шудааст.

Дар қисмати хулосавӣ тавсияҳо ва пешниҳодҳои асосӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ифода мекунанд, ҷамъбаст карда шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Бахши назариявию методологӣ ва методии таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиши асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ба рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон таҳлили нишондиҳандаҳои вазъи соҳибкорӣ, гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон ва муайян кардани ҷанбаҳои қавӣ ва заифи рушди соҳибкории саноатӣ асос ёфтааст.

Дар диссертатсияи мазкур қайд гардидааст, ки бартарафсозии мушкилоту масъалаҳои рушди соҳибкории саноатӣ фазои мусоиди соҳибкориро дар шароити рақамикунонӣ фароҳам сохта, масъалаҳои мубрами рушди иқтисоди миллӣ тибқи қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ дар шароити рақамикунонӣ ҳалли худро пайдо менамоянд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки бархе муқаррароти диссертатсия барои васеъ намудани ҷанбаҳои назариявию методии таҳқиқот ва равишҳои ҷадиди ташаккул ва рушди соҳибкории саноатиро ба уҳда дорад ва дигар сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ зимни таҳияи нақшаву барномаҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли муаммоҳову мушкилоти рушди соҳибкории саноатӣ васеъ истифода карда шаванд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ. Таҳқиқоти илмии мазкур ҳамчун замина барои коркардҳои назариявию методологии минбаъда оид ба таҳқиқи фазои мусоиди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон ва таъсири он ба рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт метавонад хизмат намояд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 18 мақолаи илмӣ буда, аз инҳо 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, бо ҳаҷми умумии 1,9 ҷузъи чопӣ ва 6 мақолаю маводи конференсияҳои илмию амалӣ байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба нашр расида, ҳаҷми умумии онҳо 2,5 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад, ба нашр расидаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шӯрои диссертатсионӣ ва талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Хулоса

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари бартариҳои зикршуда баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои алоҳида ба назар мерасанд, ки номбар кардани онҳоро мо зарур мешуморем.

1. Саҳми олимони ватанӣ дар омӯзиши масъалаҳои рушди соҳибкории саноатӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт ба таври кофӣ ҷамъбаст нашудааст. Муқоисаи назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ метавонист асоснокии хулосаҳои муаллифро тақвият бахшад.

2. Сохтори соҳавии соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон ба таври кофӣ муқоиса нашудааст. Махсусан, саҳми соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва дигар самтҳои саноатӣ бояд алоҳида арзебӣ мегардид.

3. Дар таҳқиқот таъсири рақамикунонӣ ба паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ, кам намудани талафоти ашёи хом ва беҳтар кардани истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ бояд бо далелҳои мушаххас аоснок карда мешуд.

4. Хуб мешуд дар сурати таҳияи пешгӯии рушди соҳибкории саноатӣ сенарияҳои гуногун ба монанди сенария эҳтиёткорона, воқеӣ ва мусоид пешниҳод ва хулосабардорӣ карда мешуд.

5. Кор бурд мекард агар уаллиф имконияти муқоисаи корхонаҳои аз технологияҳои рақамӣ фаъолона истифодабаранда бо корхонаҳое, ки сатҳи рақамикунонии онҳо паст аст, баррасӣ менамуд.

6. Муаллиф бояд аниқ ва равшан нишон медод, ки кадом усул, модел, механизми ташкилию иқтисодию тавсияҳои методӣ бори аввал таҳия шудааст ва бартарии он нисбат ба натиҷаҳои таҳқиқоти қаблии олимон дар чист.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти амалӣ ва назариявии рисолаи диссертатсионии унвончӯро коста намегардонанд.

Дар маҷмуъ бояд қайд намоем, ки диссертатсияи мазкур кори ба пуррагӣ анҷомдодашуда ҳисоб ёфта, навгониҳои илмиро дар худ таҷассум менамояд.

Автореферат ва корҳои нашркардаи муаллиф таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро таҷассум мекунанд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи «Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба бандҳои 2, 9, 10 ва 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Одилзода Исмоил Одил сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон **Дадоматов Д.Н.**

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Хебитат, хонаи 5, Тел.: +992 92 8566665, E-mail: dalerdn@mail.ru

«12» октябри соли 2026

Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати
Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент **Бобоев А.Х.**

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкрн, 17, хонаи 1
Тел.Факс: (992-3422) 2-51-70, E-mail: tsulbp@rambler.ru

«12» октябр соли 2026